Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-14 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, суроға 734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14.

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Мубрам будани мавзуи таҳқиқшаванда дар он таҷассум меёбад, ки қисмати менеҷменти бонкӣ, ки дар навбати аввал, аз идоракунии босалоҳияти дороиҳои бонкӣ асос меёбад ва тамоми даромаднокӣ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аз он вобаста аст. Бинобар ин яке аз вазифаҳои асосии менеҷменти молиявии бонкҳо ин идоракунии дороиҳо ва ухдадориҳо буда, мақсади он то ба ҳадди ниҳоии имконпазир расонидани фоида ва то ҳадди ақал коҳиш додан хавф дар робита бо зарурати риояи қоидаҳои мушаххас мебошад.

Бояд қайд намуд, ки дороиҳои бонкӣ ва идоракунии онҳо бояд самаранокии захираҳоро баланд бардошта, суботи молиявии худро низ таъмин намоянд. Бо вуҷуди он ки идоракунии дороиҳо мавриди таҳқиқоти ҳамарӯзаи муттахассисон қарор мегирад, аммо то имрӯз ҳамаи қисматҳои он ба қадри зарурӣ омӯхта нашудаанд, ки зарурат ва рӯзмарра будани ин таҳқиқотро муайян менамояд.

Дар автореферат дарҷ мегардад, ки дар шароити мураккаби фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои ташаккули низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ бо мақсади зиёд кардани даромаднокии бонкҳои тиҷоратӣ ва сифати сандуқи қарзӣ, самаранок истифода шудани дороиҳо, баланд бардоштани ҳиссаи сармоягузорӣ, дарёфт намудани сарчашмаҳои иловагии сармоя, паст кардани сатҳи хавфи дороиҳо ва ғайра, зарур мебошад.

Муаллиф барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда, дар назди худ ҳалли вазифаҳои зиёдеро аз қабили муайян намудани масъалаҳои назариявию методии ташаккули дороиҳои бонкӣ, идораи самараноки онҳо дар шароити муосир, омӯзиши сарчашмаҳои ташаккули дороиҳои бонкӣ, истифодашаванда бурдани таҷрибаи хориҷӣ дар самти идоракунии дороиҳои бонкӣ, дарёфти усулҳои муосири баҳодиҳии дороиҳои бонкӣ, пешгӯии эҳтимолияти ба вуҷуд омадани хавфҳо ва муайян намудани роҳи пешгирии хавфи пастравии сифати дороиҳои бонкиро гузоштааст.

Дар автореферат дуруст қайд гардидааст, ки сарчашмаҳои ташкили захираҳои бонкӣ ҷалби амонату пасандоз, фурӯши коғазҳои қиматнок, сармояи оинномавии бонк, қарзҳо аз бонки марказӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ, амалиёт дар биржаи фондӣ ва ғайра ба ҳисоб рафта, онҳо барои ба даст овардани фоида ба амалиётҳои активӣ, аз қабили додани қарз ба мизоҷон ва бонкҳои дигари тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, амалиёт дар бозори фондӣ ва ғайра сафарбар карда мешаванд.

Нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ дар солҳои 2014-2021 дар ҷадвали 1 таҳлил гардида, муайян карда шудааст, ки ин масъала аз босубот будани фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар автореферат оварда шудааст, ки нокифоя будани захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ ба сифати сандуқи қарзӣ ва даромаднокии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Яъне, кам будани дороиҳо бонкӣ ва ба қадри зарурӣ ҷалб нагардидани сармоя аз тарафи мизоҷон ба самти қарздиҳӣ низ таъсири манфии худро ҳатман мерасонад, ки инро муаллиф дар диаграммаи 3 дида баромадааст.

Дар баробари нуктаҳои муҳими автореферат, дар кори илмии мазкур баъзе камбудиҳо дида мешавад, аз ҷумла:

а) Дар автореферат қисмати институтсионалии идоракунии дороиҳои бонкӣ камтар ба чашм мерасад ва хуб мешуд ба ин қисмат низ аҳамияти ҷиддӣ зоҳир мегардид.

б) Ба манфиати таҳқиқот мешуд, агар муаллиф ба ҷалби сарчашмаҳои иловагии дороиҳо камтар аҳамият медод ва бештар ба механизми идоракунии он таваҷҷуҳ менамуд.

Вале, новобаста аз ин автореферати рисолаи номзадӣ, тахлили илмии худро ёфта, хулосаю пешниҳодҳо асоснок мебошанд. Бинобар ин чунин хулоса намудан мумкин аст, ки автореферат дар худ таркибу мундариҷаи диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода намуда, ҳалли амиқ ва пурраи вазифаҳои дар таҳқиқот гузоштешударо ифода менамояд. Ҳамчунин, натиҷаи ба дастовардаи муаллиф арзиши илмӣ дошта, асосҳои назариявию амалии идоракунии дороиҳои бонкиро дар шароити муосир ифода менамояд.

Умуман, автореферати диссертатсияи Аҳадов Исматилло Қаюмович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии дороиҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқдисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Тақриздиҳанда,
д.и.и., дотсенти мудири шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва робитаҳои иқтисоди хориҷии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Каримова М.Т.

Имзои М.Т. Каримова-ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳои
Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Қурбонов Э.

*Суроғаи институт: 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 44, саҳифаи интернетӣ http://www.ied.tj, почтаи электронӣ: info@ied.tj, телефон: +992 (37) 221-67-50*